# РАИСИ
# МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734051, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42, тел: (992 37) 221-22-53; факс: 221-92-81; e-mail: info@parlament.tj, www.parlament.tj

№ 1/774 аз «17» 06 соли 2026

**Муҳтарам Дабири кул,**

Бо такя ба арзишҳои волои дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо нақши созанда, масъулона ва дурнигаронаи Ассамблеяи парламентии Осиёро дар таҳкими ҳамбастагии маънавии миллатҳо, густариши муколамаи тамаддунҳо, ҳифзу эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ, арҷгузорӣ ба хотираи таърихӣ ва суннатҳои асили башарӣ, инчунин дар пешбурди маориф, адолати иҷтимоӣ ва тавонмандсозии занон баланд арзёбӣ менамоем.

Бо истиқбол аз нақши созандаи ин ниҳоди парламентӣ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ростои раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кумитаи доимии Ассамблея оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, шарафманд аст эҳтироми хосса ва эҳсоси қадршиносии амиқи худро ба парламентҳои муҳтарами кишварҳои узви Ассамблея иброз дошта, ҳамзамон онҳоро ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи навбатии Кумитаи мазкур, ки рӯзҳои 24–27 сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, бо камоли эҳтиром ва руҳияи бародариву ҳусни тафоҳум даъват менамояд.

Бо тартиби муқарраргардида, ҷониби Тоҷикистон хароҷоти марбут ба иқомат, таъмини таом ва хизматрасонии нақлиёти дохилиро барои ду нафар узви парламент ва як нафар аъзои ҳайати ҳамроҳкунанда дар давраи баргузории чорабинӣ ба зиммаи худ гирифта, дар наздиктарин фурсат барномаи ҷаласа, варақаи бақайдгирӣ ва дигар санадҳои зарурии марбут ба чорабиниро ирсол хоҳад намуд.

Бо истифода аз ин фурсат, бо таъкиди омодагӣ ва уҳдадории устувори котиботи кишвари мизбон ва бо назардошти аҳаммияти сатҳи баланди ташкилӣ ва муҳтавои чорабинии мазкур, мусоидати Шуморо дар ирсоли номаи даъват ба парламентҳои кишварҳои аъзои Ассамблеяи парламентии Осиё истидъо менамоем.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, дуруду эҳтиромоти фоиқаи моро бипазиред.

Бо эҳтиром,

Идизода Файзалӣ Фузайлшо,
Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶАНОБИ МУҲАММАД РИЗО МАҶИДӢ,**
**ДАБИРИ КУЛЛИ АССАМБЛЕЯИ**
**ПАРЛАМЕНТИИ ОСИЁ,**
**ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН,**

**Ш. ТЕҲРОН.**

*Unofficial translation*

Dear Secretary General,

Guided by the high values of cultural and humanitarian diplomacy upheld by the Republic of Tajikistan, we highly appreciate the constructive, responsible, and forward-looking role of the Asian Parliamentary Assembly in strengthening the spiritual solidarity of nations, promoting dialogue among civilizations, preserving and revitalizing national values and cultural identities, honoring historical memory and authentic human traditions, as well as advancing education, social justice, and the empowerment of women.

Recognizing the important contribution of this parliamentary institution, the Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, in its capacity as Chair of the Standing Committee on Social and Cultural Affairs of the Asian Parliamentary Assembly, has the honor to convey its highest respect and sincere appreciation to the esteemed parliaments of the Assembly's member states.

In this regard, we are pleased to invite the parliaments of the member states of the Asian Parliamentary Assembly to participate in the forthcoming meeting of the Standing Committee on Social and Cultural Affairs, which will be held in Dushanbe on 24–27 September 2026, in a spirit of friendship, mutual understanding, and constructive cooperation.

In accordance with established practice, the Tajik side will cover the costs of accommodation, meals, and local transportation for two parliamentarians and one accompanying official from each delegation throughout the duration of the event. The provisional agenda, registration form, and other relevant documents will be circulated in due course.

Taking this opportunity, and emphasizing the readiness and strong commitment of the host country's organizing secretariat to ensure the successful conduct of this important event, we would highly appreciate your assistance in transmitting the invitation to the parliaments of the member states of the Asian Parliamentary Assembly.

Please accept, Your Excellency, the assurances of our highest consideration and best wishes.

Respectfully,
Idizoda Faizali Fuzailsho
Chairman of the Majlisi namoyandagon
Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan.

**MR. MOHAMMAD REZA MAJIDI**
**SECRETARY GENERAL**
**ASIAN PARLIAMENTARY ASSEMBLY,**
**ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN,**

**TEHRAN.**